# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертасияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи: «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия)

Дар автореферати диссертасия нишон дода шудааст, ки тағйирёбии иқлим ба реҷаи гидрологии дарёи Кофарниҳон таъсири калон дорад ва бояд дар идоракунии захираҳои об ин омил ба назар гирифта шавад. Муаллиф бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ва мушоҳидаҳои саҳроӣ нишон додааст, ки сатҳи об ва даврияти гидрологӣ дар соли оянда бо истифода аз моделҳои математикӣ ва таҳлили бисёрсолаи алоқамандӣ метавонанд пешгӯӣ карда шаванд. Ин имконият медиҳад, ки барои таъмини оби нӯшокӣ, истифодаи саноатӣ ва кишоварзӣ, ҳамчунин ҳифзи муҳити зист нақшаҳои самаранок таҳия карда шаванд.

Докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич ҳамзамон ба истифодаи захираҳои об дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ба назар гирифта шудааст, ки истифодаи самараноки об на танҳо ба таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ва саноат, балки ба ҳифзи муҳити зист ва рушди устувори минтақа низ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки бо истифодаи моделсозии математикӣ ва ҳисобҳои статистикӣ сатҳи оби дарё дар шароити тағйирёбии иқлим бо эътимоднокӣ муайян карда шуда, барои қабули қарорҳои стратегӣ дар истифодаи захираҳои об заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Кор нишон медиҳад, ки муаллиф таҳқиқоти муфассалро анҷом додааст, аз ҷумла таҳлили тавозуни об, тағйироти мавсимӣ дар таркиби гидрохимиявӣ ва омилҳое, ки ба сифати манбаъҳои об таъсир мерасонанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Захираҳои об барои рушди иқтисоди миллӣ, таъмини оби нӯшокӣ, истеҳсолӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон нақши стратегӣ доранд. Тағйирёбии иқлим ба таври мустақим ба захираҳои об таъсир мерасонад, ки ин масъалаи муҳимро дар самти идоракунии самараноки дарёҳо ва истифодаи захираҳои об ба миён меорад. Аз ин ҷиҳат, мавзӯи интихобшуда ҳам аҳамияти стратегӣ ва ҳам аҳамияти илмӣ дорад, зеро омӯзиши даврияти гидрологии дарёи

Кофарниҳон метавонад заминаи илмӣ барои таҳияи тадбирҳои самаранок дар самти истифода ва ҳифзи захираҳои об фароҳам оварад.

Муаллиф вазифаи асосии худро дар таҳлили хусусиятҳои даврияти гидрологии дарё ва алоқамандии он бо нишондиҳандаҳои иқлимӣ қарор дода, ҳамзамон тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои истифодаи самараноки захираҳои об пешниҳод намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз нуктаҳои зерин иборатанд:

1. Дастовардҳои назариявии кори диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳлили хусусиятҳои даврияти гидрологӣ дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон вобаста аз шароитҳои иқлимӣ барои банақшагирии истифодабарии захираҳои об ба таври самаранок истифода карда шавад.

2. Методология ва таҳияи амсилаҳои математикӣ имкон медиҳанд, ки раванди даврияти гидрологӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун дараҷаи обнокии ҳавзаи дарёи Кофарниҳонро пешгӯи намояд.

3. Хусусиятҳои даврияти гидрологӣ, натиҷаҳои арзёбии тағйирот, ничунин хусусиятҳои ташаккули захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ва пешгӯии обнокии он имкон медиҳад, ки барои таҳияи нақшаи идоракунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об заминаи илмӣ ба вуҷуд оварда шавад.

4. Муқарраротӣ назариявӣ, амсиласозии математикӣ дар кори диссертатсионӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои он дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбат, якчанд ҷанбаҳо сазовори таваҷҷӯҳанд:

*1. Тавсияҳо вобаста ба ИҲЗО дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ба таври мушаххас нишон дода нашудааст.*

*2. Бартариятҳои амсилаи консептуалии идоракунии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон шарҳ дода нашудааст.*

Қайд кардан зарур аст, ки камбудиҳои зикршуда характери принсипиалӣ надоранд ва арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомдодаро коҳиш намедиҳанд. Онҳо бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонанд зимни таҳияи матни пурраи диссертатсия ё ҳангоми баррасии минбаъдаи натиҷаҳо ба инобат гирифта шаванд.

**Хулоса,** автореферат дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои банақшагирии истифодаи самараноки захираҳои об, пешгирӣ аз камобӣ ва хушксолӣ, беҳтар кардани самаранокии иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист хизмат кунанд. Ҳамзамон методологияи таҳлил ва моделсозӣ имкон

медиҳад, ки сатҳи об ва даврияти гидрологӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун ва тағйирёбии иқлим пешгӯӣ карда шаванд.

Бо дарназардошти ҳамаи таҳлилҳо ва натиҷаҳои пешниҳодшуда, автореферат тавсия дода мешавад, ки барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ва метавонад ҳамчун дастури илмӣ ва амалии асоснок дар соҳаҳои гидрология, экология ва идоракунии захираҳои об истифода карда шавад.

Ҳисоб мекунем, ки муҳимияти мавзуъ, ҳаҷми маводи дар рисола дарҷ шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо ва навгониҳои илмии рисолаи докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим», ба талаботҳои аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ гузошта шуда мувофиқат мекунад ва муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) мебошад.

Тақриздиҳанда, номзади илмҳои техникӣ, муовини ректор оид ба илм, инноватсия ва равобити хориҷӣ — **Ш.Қ. Обидҷони**

*Суроға: 735162 н. Кӯшониён, ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кучаи Н.Хусрав-73 Тел.(+992)003303060, E-mail: obidjon.sh@mail.ru*

*Имзои Обидҷони Шаҳобиддини Қуватзодаро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон — **Каримов З.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

***Суроғаи муассиса:** 733036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён кӯчаи Н. Хусрав 73. Тел: (+992)935646407; Web:www.tpei.tj; E-mail: det-tj@mail.ru*